# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба кори диссертатсионии Сафаров Некрӯз Шодиевич дар мавзӯи «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» (дар асоси маъхазҳои таърихӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2019. Диссертатсия 210 саҳ.+Автореферат**

Давлати Сомониён дар таърихи мо мавқеи муҳимеро ишғол мекунад, зеро маҳз дар ҳудуди паҳновари он равандҳои этникие сурат гирифтанд, ки ба ташаккулёбии халқи тоҷик ва давлати миллии тоҷикӣ мусоидат намуданд. Дар ин росто омӯзиши таърих, хусусан ҷуғрофияи таърихии ин давлат хеле муҳим буда, он ба саволҳои зиёди беҷавоб посухи дурусти илмӣ медиҳад. Дар мавзӯи мазкур як кори диссертатсионӣ омода кардани Сафаров Некрӯз Шодиевич худ боиси дастгирӣ буда, аз нигоҳи илмӣ хеле зарур ва дар замони муосир муҳим мебошад. Албатта, то омода шудани чунин рисолаҳо як силсила тадкиқот дар Тоҷикистон ва берун аз он дар замони шӯравӣ ва ҳоло низ интишор гаштаанд, аммо паҳлӯҳои зиёди ин масъала ҳалли худро наёфтаанд. Дар алоқа ба ин диссертатсияи Сафаров Некрӯз Шодиевич низ дорои аҳамияти вижа мебошад. Мубрамияту муҳимияти кори тадқиқшаванда ба таври қотеъона дар сарсухан овардаю собит шудааст. Сохтор ва мундариҷаи кор ба мақсаду ҳадафи муаллиф мувофиқ буда, дуруст ҷо ба ҷо шудааст.

Диссертатсия аз сарсухан, ду боб, хулоса, рӯйхати сарчашмаю адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

Сафаров Некрӯз Шодиевич дар натиҷаи истифодаи васеъ, таҳлили муқоисавию интиқодии сарчашмаҳои хаттии аслан арабию форсӣ, маводи бостоншиносию асарҳои ҷуғрофию таърихӣ ва дигар ёдгориҳо тадқиқоти арзишманди илмиро ба анҷом расонидааст. Маҳз дар натиҷаи заҳмати пурсамари муаллифи ин диссертатсия маълумоту фаҳмишҳои нав хусусан

дар бораи мавқеи шаҳру вилоятҳои мухталифи Сомониён дар Хуросон ва Мовароуннаҳр хубтар фаҳмидаю дастраси аҳли илм мегардаду доираи ҳудуди давлати Сомониён васеътар тасвир шуда, як давлати бузургу паҳновар пеши назар меояд, ки дар тадқиқотҳои қаблӣ ҷой надоштанд. Мавриди зикр аст, ки рисола ба забони ноби тоҷикӣ фасеҳу равон ва хеле хуб навишта шудааст.

Боби аввали кор **«Ҷуғрофиёи Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои VII-IX»** буда, он аз ду зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар зербоби якум «Тавсифи таърихӣ-ҷуғрофиёии мулкҳои Мовароуннаҳр» ба таври васеъ дар бораи парокандагии Варорӯд дар арафи лашкаркашиҳои арабҳо ба ин манотиқ маълумот оварда, сипас ба таври мухтасар ҳуҷуми сарлашкарони арабро дар солҳои мухталиф ёдрас гашта, оқибатҳои ин лашкаркашиҳоро ба ин сарзамин нишон додааст.

Ҳамчунин дар ҳамин зербоб муаллиф дар бораи чанд вожа ва мазмуни онҳо, аз ҷумла дар бораи мафҳум ва арзу тӯли Бухорою Самарқанд, Кеш, Устурушан, Чоч, вилояти Элок, Исфиҷоб, Хоразм, Чағониён, Шумону Ахарун, Вахшу Хатлон, Шуғнону Бадахшон ва манотиқи онҳо, пешаи аҳолии ин марзу бум, сарвату дороии онҳо, дар бораи дар кадом сол ишғол шудани ин шаҳру вилоятҳо аз тарафи арабҳо ва мавқеи ҷойгиршавии ҳар як вилояту шаҳрҳои калони Варорӯд дар такя ба манобеи зиёди дастрас мавод овардааст. Муаллиф дуруст хулоса баровардааст, ки маҳз парокандагӣ ва ноиттифоқии мардуми ин сарзамин буд, ки онҳо дар назди нерӯҳои аҷнабӣ натавонистанд, ки муқовимати ҷиддӣ намоянд.

Дар асоси таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои мухталиф диссертант ба хулосае меояд, ки дар асрҳои миёна Мовароуннаҳру Хуросон аз чандин мулку кишварҳои мустақилу ниммустақил иборат буда, айни ҳол он ҳудудҳо қисман ба давлатҳои кунунии Туркманистон, Ӯзбекистону Тоҷикистон ва қисман ба Афғонистону Эрон ва Покистон шомил мебошанд. Ҳамчунин муаллифи рисола дар бораи мансубияти этникии мардуми ин сарзамин маълумоти саҳеҳ додааст.

Дар зербоби дуюми боби аввал, ки «Ҷуғрофияи таърихии сарзамини Хуросон» унвонгӯзорӣ шудааст, муаллиф аввал дар бораи истилоҳи ҷуғрофии Хуросон, марзҳои сиёсии он, доир ба бахшу қисматҳои Хуросон, шаҳрҳои муҳиме ба мисли: Нишопур, Ҳирот, Марв, Форёб, Балх, Абевард, Тӯс, Гурғон, дар бораи унвону лақабҳои ҳокимони Хуросону вилоятҳои он (вароз, ваҳмана, вардоншоҳ, тархон, шаҳраг, ворзон, кобулшоҳ ва ғ...), оид ба касбу кори аҳолӣ, девору иморатҳо, бозору растаҳои бузург, масҷиду мадраса ва ғ... дар асоси таҳлили манобеи зиёд мавод овардааст. Дар хулосаи ин боб бошад оид ба муҳимияти Хуросн аз ҷиҳати сиёсӣ, стратегӣ ва иқтисодӣ андешаи ҷолиби муаллиф баён шудааст.

Ба фикри муаллифи ин рисола дар сарчашмаҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ маводи фаровон омада, дар ин сарзамин ва тавсифи хуби шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросон қайд гашта, ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии он давра зикр шудааст. Новобаста ба тадқиқотҳои мавҷуда ҳоло ҳам пажӯҳиш дар ин самт давом дошта, ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар ин рисола пурратар гаштааст.

**Боби дуюми диссертатсия «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён»** аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум, ки «Оғози ҳукумати намояндагони сулолаи Сомониён дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон» номгузорӣ шудааст, ба сари қудрат расидани фарзандону наберагони Сомонхудот дар манотиқи гуногуни Осиёи Марказӣ, муносибати байниҳамдигарии бародарон Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс, мақоми барҷастаи Нӯҳ ибни Асад чун сарвари хонадон дар равобити хориҷӣ, бартараф кардани фишори қабоили турк ва густариши ҳукумату доираи давлатдории Сомониён, муқовимат ва мунокишаҳои байни хонадонҳои Тоҳириёну Сомониён, соҳибтахт гаштани Исмоили Сомонӣ ҳаллу фасл шуда, заминаҳои асосии ташкил шудани давлати Сомониён нишон дода шудааст.

**Дар зербоби дуюм «Густариши ҷуғрофиёии давлати Сомониён»** муаллифи диссертатсия дар асоси мадракоти зиёд, пеш аз ҳама дар хусуси моҳи март-апрели соли 893 бо фармони халифаи Араб Муътазид ба Исмоили

Сомонӣ супоридани ҳукумати Мовароуннаҳр маълумот дода, сипас тавсеаи давлати Сомониён аз ҳисоби шаҳру вилоятҳои мухталифе чун: Тироз то водии Талас, Устурушан, Туркистону Синд, Гургон, Табаристону Рай, Дайлам, Қазвину Занҷон аз ҳисоби давлатҳои Саффориёну Алавиён ва дигар ҳокимон нишон дода, муаллиф бунёди девонҳои давлатиро муфассал овардааст. Ҳамчунин пахши баъзе эътирозу саркашиҳои ҳокимони алоҳида дар замони Исмоили Сомониро муаллиф дар ин зербоб нишон додааст.

Даврони ҳукумати Аҳмад ибни Исмоил, Наср ибни Аҳмад, сиёсати дохилӣ ва хориҷии онҳо, ҳамроҳ шудани вилояти Кирмон ба қаламрави Сомониён, ҳамчунин ошӯбу мухолифатҳои дохилӣ ва аз Сомониён берун гаштани Сиистон дар соли 917 ва мухторият ба даст овардани Гургон дар соли 928 баёни худро низ ёфтааст.

Зербоби сеюми боби дуюм **«Мавқеи ҷойгиршавии вилоятҳо ва шаҳрҳои асосии давлати Сомониён»** унвонгузорӣ шудааст. Дар ин зербоб муаллиф бештар шарҳи он шаҳру вилоятҳои Сомониёнро додааст, ки аз давраи қудрати Исмоили Сомонӣ то ба ҳукумати Наср ибни Аҳмад зертобеи онҳо буд. Бо тафсил муаллиф дар бораи шаҳру русто ва вилоятҳои Бухоро, Тавовис, Кармина, Зандана, Афшана, Искиҷкат, Байканд, Ромитан, Варахша, Самарқанд, Бунҷикас, Маймурғ, Дарғам, Иштихон, Кӯшония, Кеш, Дизак, Ӯзканд, Чағониёну Вашгирд, Хатлону Хуросону Ғарҷистон, Бомиён, Шибирғон ва дигар манотиқ маълумот оварда, ҳамоно менигорад, ки маҳз корҳои бостоншиносии навин дар ҳудудҳои давлати Сомониён ба муайян кардани мавқеи аниқи чандин шаҳру вилоят ва марказҳои онҳо мусоидат менамояд.

Зербоби чаҳорум ва қисми интиҳоии боби дуюм **«Коҳиши ҷуғрофиёи давлати Сомониён»** номгузорӣ шуда, дар он муаллиф дар бораи сабабу оқибатҳои заифшавии давлати Сомониён ва аз нигоҳи ҳудудӣ кам гаштани марзҳои онро дар алоқамандӣ ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию авзои динӣ дар такя ба манобеи мухталифи хаттӣ нишон додаст. Аз ин боббӣ рисола маълум мешавад, ки раванди пароканда ва ҷудоихоҳию ба ҳалокат

расидани давлати Сомониён ҷанбаҳори гуногунро дарбар мегирад. Баробари вазъи сиёсӣ аз ҷумла ҷараёну равияҳио ҳархелаи динӣ боиси дур гашнати мардум аз пуштибонии давлати Сомониён ва бетараф мондану хиёнати қишрҳои мухталифи ҷомеа шуд. Аз ҷумла, бетарафии рӯҳониён дар муқобилияти Сомониёну Ғазнавиён. Ба қавли муаллифи рисола маҳз аз давраи салтанати Нӯҳ нахустин нишонаҳои заъфи давлати Сомониён аён шуда, оянда ин раванд бештар мегардад. Ҳамчунин бо зиёд гаштани рақобату шикастҳо ва афзун гаштани мавқеи сарлашкарони турк ҳукумати воқеӣ ба дасти ашрофону ҳокимони бегона гузашта, давлати Сомониёнро ду сулолаи дигар-Қарахониён ва Ғазнавиён ишғол карда, муборизаҳои Абӯиброҳим Исмоил маъруф ба «Мунтасир» натиҷа надода, ин давлат дар авали асри XI аз харитаи сиёсии олам берун гашт.

Дар хулоса муаллиф аз пажӯҳиши худ натиҷагирӣ карда, бо чанд пешниҳоди ҷолиб кори хешро ҷамъбаст намудааст. Ҳамчунин замимаҳо, хусусан харитаҳои давлати Сомониён ва вилояту манотиқи алоҳидаи он, ки дар охири рисола оварда шудааст хеле лозимӣ буда, онҳоро мебояд дар китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва макотиби олӣ истифода намуд.

Ҳамин тавр, кори анҷомдодаи унвонҷӯ дар такя ба сарчашмаю адабиёти илмӣ мустақилона иҷро гашта, маводи наверо пешниҳоди аҳли илм карда, маълумоти бостоншиносию нумизматикӣ низ истифода шудааст. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф аксар қобили қабул буда, истифодаи онҳо дар амал ба манфиати кор мебошад.

Аҳамияти амалӣ ва назариявии тадқиқоти Сафаров Некрӯз Шодиевич бе ягон шакку тардид собит аст. Дар баробари ин, пешниҳодоти назариявӣ дар омӯзиши минбаъдаи таъриху ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён барои асрҳои миёна хеле муфид буда, маводи диссертатсияро метавон ҳангоми омода кардани асарҳои фундаменталӣ ва умумии таърихи халқи тоҷик васеъ истифода кард.

Мазмуни диссертатсия пурра дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Бо автореферат, ки ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст, бо хулосаю натиҷагириҳои аз рисола гирифтаи муҳаққиқ розӣ шудан мумкин аст.

Дар баробари ин, ба андешаи мо дар диссертатсия чанд камбудии ҷузъӣ дида мешавад, аз ҷумла:

1. Дар сарсухан, дар қисмати сатҳи омӯзиши илмии мавзӯъ, зикри бештар аз заҳматҳои академик Н. Неъматов муносибтар мебуд, зеро академик Н. Неъматов нахустин муҳақиқи тоҷик дар таҳқиқи таърихи Сомониён аст. Ҳамчунин зикри чанд асари илмии арзишманди донишмандони кишвар, аз ҷумла баъзе аз осори профессор А. Ҷалилов, устодон Ғ. Ғоибов, Т. Ғуломов ва дар баробари ин, асарҳои академӣ ё таърихие, ки дар дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ чоп шудаанд, боиси беҳтар шудани сифати кор ва афзудани арзиши илмии он мегашт. Дар мавриди маъхазҳои таърихию ҷуғрофӣ низ бояд баъзе иловаҳо сурат мегирифтанд.

2. Дар зербоби дуюми боби якум «Ҷуғрофиёи таърихии сарзамини Хуросон» ҳангоми зикри маъбади маъруфи Навбаҳори Балх аз он танҳо чун оташкадаи зардуштӣ ёд мешавад, ин дар ҳолест, ки ин ибодатгоҳ ҳамчун маъбади буддоӣ низ маълум буда, дар ин бобат маводу маълумоти зарурӣ вуҷуд дорад, ки бояд оварда мешуданд.

3. Дар зербоби дуюми боби дуюм «Густариши ҷуғрофиёии давлати Сомониён» баробари зикри ҷанги байни Исмоили Сомонӣ ва Амри Лайс агар сабабҳои ҷанги дуюми онҳо дар соли 900-ум пас аз шикасти набарди аввал оварда мешуд воқеа равшантар мегашт.

4. Дар зербоби сеюми боби дуюм «Мавқеи ҷойгиршавии вилоятҳо ва шаҳрҳои асосии давлати Сомониён» мавқеи ҷойгиршавии баъзе аз шаҳру рустоҳо на он қадар аниқ ё тахминӣ гуфта шудааст, аз ҷумла Тавовису Кармина.

5. Баъзан ҳангоми зикри арзу тӯл, масофаи роҳу байни минтақаҳо муаллиф воҳидҳои ченакро ба меъёрҳои ҳозираи дарозию масоҳат мувофиқ накардааст. Масалан дар саҳифаи 54-ум меъёри масофаи хитоӣ-«ли» оварда шуда, аммо он ба чанд метр ё км баробар буданаш нишон дода нашудааст. Ҳамзамон дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия асрҳо бо рақамҳои арабии ҳиндиасос (1,2,3,5..) ё бо ҳарф (асри даҳ) зикр шудаанд, ки беҳтар аст қарнҳо бо ҳамон рақамҳои римӣ (асри X) нишон дода шаванд.

Албатта, пешниҳоди рафъи камбудиҳои мазкур хислати тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии рисоларо коста намекунанд. Ислоҳи камбудиҳои зикршуда ба вақти омода кардани кори мазкур барои интишор лозим דониста мешавад.

Бо назардошти ин ҳама, метавон гуфт, ки диссертатсияи Сафаров Некрӯз Шодиевич «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» (дар асоси маъхазҳои таърихӣ) тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш комилан ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Сафаров Некрӯз Шодиевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ» арзанда мебошад.

**Номзади илмҳои таърих, дотсенти**
**кафедраи таърихи дунёи қадим,**
**асрҳои миёна ва археологияи**
**Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.** **Асоев Сабзаалӣ Убайдович**

29.11. 2019.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе 734025, хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел: (+992) 938006296, (+992 37) 2217711; E-mail: aso-zoda@mail.ru

Имзоро тасдиқ мекунам:
Роҳбари шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

«29» 11 с. 2019